# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и дар назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба кори диссертатсионии **Маҷидов Парвизҷон Имомназарович** дар мавзуи **«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ)

**Парвандаи аттестатсионии №____________**
**Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 05 марти соли 2025, №12.3 «Оид ба сазовор донистани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷидов Парвизҷон Имомназарович»**

Диссертатсияи **Маҷидов Парвизҷон Имомназарович** дар мавзуи **«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) бо қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз **аз 20 ноябри соли 2024**, №12.1 ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Маҷидов Парвизҷон Имомназарович соли 2008 ба Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз рӯйи ихтисоси “Забони англисӣ”, зинаи бакалавр дохил шуда, онро соли 2012 хатм кардааст. Ӯ солҳои 2012-2014 дар зинаи магистратура таҳсил намудааст.

Номбурда бо фармоиши №568-ОД аз 12.09.2019 ба ҳайси докторант аз рӯйи ихтисос (PhD), ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ қабул шуда, ин зинаро бо фармоиши №293 аз 03.06.2022 хатм намудааст.

Фаъолияти кории худро аз соли 2013 ба ҳайси ассистенти кафедраи забонҳои хориҷии умумидонишгоҳӣ шурӯъ карда, аз соли 2019 ҳамчун муаллими калони кафедраи мазкур кор мекунад.

Мавзуи рисолаи илмиро аз 31.03.2021, №9/6.2 дар Шурои олимони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тасдиқ намуда, зери роҳбарии Дадобоева Мадина Солибоевна, номзади

илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии донишгоҳи мазкур ба таҳқиқот машғул гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 13 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз он 6-то мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ташкил додаанд.

Маҷидов Парвизҷон Имомназарович муҳокимаи рисолаи илмии худро дар ҷаласаи кафедраи психологияи умумидонишгоҳӣ аз 10.09.2024, №2 гузаронида аст.

Шурои диссертатсонӣ дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ аз 18 декабри соли 2024, суратҷаласаи №12.2. диссертатсияро барои ҳимоя иҷозат додааст.

Эълон оид ба ҳимояи рисола ва автореферат дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар бахши «Шурои диссертатсионӣ» дар зерсаҳифаи эълонҳо аз 21-уми декабри соли 2024 ва дар сомонаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми январи соли 2025 ҷойгир карда шудаанд.

Автореферати диссертатсия тибқи феҳрист 31 январи соли 2025 ирсол гардидааст.

Диссертатсия ва автореферати он аз низоми Антиплагиат гузаронида шудааст, ки аслияти матнҳо мутаносибан ба 84,92% (бо назардошти иқтибосҳо 84,92%) ва 86,96% (бо назардошти иқтибосҳо 87,97%) – ро ташкил медиҳад.

Тақризҳо ба диссертатсия ва автореферат дар муҳлати муайяншуда ворид шуда, дар сомонаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷой дода шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳодшуда тибқи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият даровара шуда, дар парвандаи аттестатсионии ӯ маҳфузанд.

**Роҳбари илмӣ: Дадобоева Мадина Солибоевна**, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва м**уқаризони расмӣ: Бобоева Сайёра Бобораҷабовна**, доктори илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” ва **Амонов Нодир Қодирович**, номзади илмҳои психологӣ, дотсенти кафедраи психологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ба диссертатсияи Маҷидов П.И. баҳои мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи **Маҷидов Парвизҷон Имомназарович** тақриз дода, он бо имзоҳои раиси ҷаласа,

номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи психологияи Раҷабова Ф.О., ташхисгар, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи психология Ашурова Д. ва котиби ҷаласа Ошимова М.М. бо суратҷаласаи №07 аз 14.02.2025 таҳия шуда, аз ҷониби ректори муассиса Гулназарзода Жило Бурӣ аз 15.02.2025 тасдиқ карда шудааст.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Аз тақризи муассисаи пешбар бармеояд, ки дар рисола дар баробари муваффақиятҳои зиёд баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати пажуҳишоти оянда хоҳад буд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асарҳои илмии олимони хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ шудааст, вале агар диссертант аз корҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода мебурд, кори диссертатсионӣ боз ҳам диққатҷалбкунанда мешуд.

2. Дар саҳифаи 128-уми диссертатсия диаграммаи 10 “Барои баланд бардоштани шавқмандии фарзанд ба таълим кадом корҳоро ба анҷом мерасонед?”оварда шудааст. Вале саволҳое, ки ба волидайн дода шудаанд, иҷрои ин ё он корро дар назар надошта, балки нақш ва аҳаммияти таълимро дар ташаккули шахсияти хонандагон дар бар мегирад. Дар фаъолияти минбаъдаи диссертант, ки кори диссертатсионӣ бояд дар шакли монография нашр шавад, ба масъалаи мазкур бояд диққат дода шавад.

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд мекунанд, ки камбудиҳои ҷойдошта ба қиммати илмии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд ва характери тавсиявӣ доранд. Диссертатсияи илмӣ ва автореферати он дар сатҳи зарурӣ омода шуда, аз лиҳози мазмун ба талабот пурра мувофиқ мебошанд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Маҷидов П.И. ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) мебошад.

**6 номгӯйи мақолаҳои илмии** зерини довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Маҷидов, П.И. Мавқеи муошират дар инкишофи психикии бачагони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи М.И.Лисина / М.С. Дадобоева, П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.– 2022. – №6. – С. 217-222.

[2-М] Маҷидов, П.И. Омилҳои таъсиррасонанда ба ташаккул ва инкишофи муошırати кӯдакони синни хурди мактабӣ дар оила ва мактаб / П.И.Маҷидов // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф. – 2022. – № 2. (38) – С. 5-10.

[3-М] Маҷидов, П.И. Муносибат бо калонсолонро субъективӣ паси сар кардани кӯдак /П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №4. –С. 275-294.

[4-М] Маҷидов, П.И. Муносибати волидайн бо фарзанд яке аз масъалаҳои асосии ташаккули муошират/ П.И. Маҷидов, М.С.Дадобоева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2023. – №3. – С. 297-304.

[5-М] Маҷидов, П.И. Омодагӣ ба мактаб- натиҷаи инкишофи психикии кӯдакони синни томактабӣ / П.И.Маҷидов // Паёми Донишгоҳи Омӯзгорӣ. –2022. –№2. –С. 187-191.

[6-М] Маҷидов П.И. Тавсифи самтҳои калидии инкишофи психикии кӯдакони синни хурди мактабӣ аз нигоҳи олимони хориҷӣ / П.И. Маҷидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –2024. – №4. – С. 186-194.

**Ба автореферати диссертатсия 4 тақриз аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

1. Доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – Каримова Ирина Холовна;
2. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав – Азиззода Рухсора Назир;
3. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири шуъбаи мактабҳои камнуфус ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимию китобҳои дарсии таҳсилоти ақаллиятҳои миллии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон – Котибова Шарифамо;
4. Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва сифати таҳсилоти Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон – Ҳусейнов Бойалӣ.

Ҳамаи 4 нафар муқарризони автореферати **Маҷидов Парвизҷон Имомназарович** дар тақризи худ мубрамии таҳқиқот ва арзиши илмии онро тасдиқ намудаанд.

Ҳамзамон, доктори илмҳои педагогӣ, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Каримова Ирина Холовна қайд менамояд, ки дар

баробари муваффақиятҳо дар автореферат норасоиҳо низ ба чашм мерасанд. Якчанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Хуб мешуд, ки докторант мафҳуми “шароитҳои психологӣ-педагогӣ”-ро равшан менамуд. Дар автореферат бояд аниқ муайян карда шавад, ки кадом омилҳо ҳамчун шароитҳои психологӣ ва педагогӣ баррасӣ мешаванд.

2. Хуб мешуд агар сатҳ ва меъёрҳои инкишофи муошират муайян мешуд - Чӣ гуна муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ арзёбӣ ва инкишоф дода мешавад?

Номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, сардори шуъбаи мониторинг ва сифати таҳсилоти Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон Ҳусейнов Бойалӣ дар тақризи худ қайд менамояд, ки дар баробари дастовардҳои муҳим фишурдаи рисола аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Муаллиф дар рисола иқтибососоти зиёдеро ҷой додааст, агар назари танқидии худро бештар баён менамуд, беҳтар мешуд.

2. Хуб мешуд агар мафҳуми “хонандагони синни хурди мактабӣ”-ро ба “кӯдакони синни хурди мактабӣ” иваз менамуд.

Ҳарду муқарризоне, ки дар тақризҳои худ барои автореферати рисолаи илмии Маҷидов Парвизҷон Имомназарович эродҳо низ ҷой додаанд, қайд кардаанд, ки эродҳои дарҷшуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро аз байн намебаранд.

Ҳамин тавр, дар асоси 4 тақризи озоди пешниҳодгардида, маълум гардид, ки автореферати диссертатсияи **Маҷидов Парвизҷон Имомназарович** дар мавзуи **«Истифодаи шароитҳои психологӣ-педагогӣ дар инкишофи муоширати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим»**, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) мебошад.

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D.KOA-002, аз 18 декабри соли 2024, №12.2 тибқи банди 61 Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи довталаби дараҷаи илмӣ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

– дар илми психологияи тоҷик бори аввал дар доираи раванди таълим маҷмуи нуктаҳои ибтидоии асосҳои психологию педагогии ташаккули малакаҳои муошırати хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт.

– тартибу меъёрҳои хусусиятҳои психологӣ ва педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ бо омӯзгорон ва ҳамсолон дар ҷараёни таълим мушаххасан муайян карда шуд.

– меъёр ва дараҷаҳои хусусиятҳои психологӣ – педагогии инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим муқаррар карда шуд.

– усул ва роҳҳои истифодаи методҳои психологӣ-педагогӣ дар ҷараёни инкишофи муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим тариқи ташхиси эксперименталӣ санҷида ва исбот гардид.

– дар асоси таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба инкишофи хусусиятҳои психологӣ-педагогии муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим таҳияву коркард шуданд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– раванди таълимии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун муҳити мусоид барои азхудкунии малакаҳои муошират бо дигарон ва азхудкунии шаклҳои гуногуни муошират ҳам шифоҳӣ ва ҳам ғайривербалӣ ба ҳисоб меравад. Натиҷаи ин аст, ки кӯдаки синни хурди мактабӣ ҳамчун субъекти мукаммал тадриҷан ташаккул ёфта, минбаъд барои ба муҳити иҷтимоии нав ва нисбатан мураккаб мутобиқ шудан, махсусан дар байни ҳамсолон бомуваффақият омода мешавад.

– малакаҳои муошират ва хусусиятҳои психологӣ-педагогии рафтори иҷтимоии хонандагони хурдсолро дар раванди таълим бо ёрии бозиҳои дидактикӣ инкишоф додан лозим аст, зеро ин шакли фаъолият метавонад фикррониро фаъол, нутқро сайқал ва захираи луғавии ин гурӯҳи бачагонро бой гардонида, онҳоро водор созад, ки маҳз ба ин васила дар ҷараёни таълим ба ҳамдигар меҳрубон ва ба талабу хоҳишҳои дигарон диққат диҳанд.

– дар доираи раванди таълим, ки ба рушди малакаҳои муошırати хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, зарур аст, равишҳои психологӣ истифода шаванд, ки хусусиятҳои синну солии кӯдакони аз 7 то 10-соларо ба назар мегиранд. Ин равишҳо бояд дастрас бошанд ва ба дарки онҳо мувофиқ бошанд ва рушди бомуваффақияти қобилиятҳои коммуникатсионӣ дар марҳилаҳои ибтидоии омӯзишро таъмин кунанд.

– дараҷаи муайянгардидаи инкишофи малакаҳои муошırати хонандагони синни хурди мактабӣ дар раванди таълим барои интихоби

шакли таҳқиқот ва методикаҳое имконият медиҳад, ки бо ёрии онҳо ташкили корҳои ислоҳии малакаҳои алоҳида дар инкишофи самараноки маҳорати муошират ба роҳ монда шавад.

– ҳангоми дуруст истифода бурдани шароитҳои психологӣ ва педагогӣ дар ҷараёни таълими хонандагони синни хурди мактабӣ инкишофи малакаҳои муошират самараноку натиҷабахш хоҳанд гардид.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки шароитҳои психологӣ-педагогии пешниҳодшуда, воситаҳои инкишофи муошират хонандагони синни хурди мактабӣ дар ҷараёни таълим, маводи ташхисии таҳияшуда ва тавсияҳои методиро омӯзгорон дар ҷараёни таълиму тарбияи муассисаи таҳсилоти мактабӣ истифода бурда метавонанд. Маводи таҳқиқотро ҳангоми ташкили курсҳои махсус барои донишҷӯёни коллеҷ ва мактабҳои олии педагогӣ, ба сифати боб ё фасли барномаҳои таълимиву китобҳои дарсии самти ихтисоси психологияи омӯзгорӣ ва синну солӣ, ҳангоми гузарондани курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, дар амалияи оммавии тарбияи мактабӣ ва оилавӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо асоснокии методологии муқаррароти ибтидоии кори илмӣ, истифодаи усулҳое, ки ба объект, предмет, вазифаҳо ва мантиқи таҳқиқот мутобиқанд, айнан такроршавии натиҷаҳо ва аёнияти маълумоти ҳосилшуда, таҳлили миқдорӣ ва сифатии онҳо, мутобиқати натиҷаҳои ҳосилшуда ба фарзияи таҳқиқот таъмин шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз муайян кардани мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва масъалаҳои таҳқиқот ва матраҳ сохтани масъалаҳои мубрами таҳқиқот, таҳлилу баррасии иттилооти бадастовардашуда иборат аст. Таҳлили назариявию методологӣ, таҳқиқи амалӣ ва санҷидани фарзияи гузошташуда, коркарди пешниҳод ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро тартиб медиҳанд, маҳз натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллифи рисола маҳсуб меёбанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии илмӣ-амалӣ, тренингҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳо оид ба масъалаҳои таҳқиқшаванда; дар гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласа ва семинарҳои илмӣ-методӣ; дар маърузаҳои конференсияҳои солонаи илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ шунида шуда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласа аз 05 марти соли 2025, №12.3 қарор қабул кард, ки ба Маҷидов Парвизҷон Имомназарович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300-Психология (6D050307-Психологияи педагогӣ) дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати 13 нафар, аз онҳо 4 нафар доктор ва 1 нафар доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

- тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 12 нафар;
- муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест;
- бюллетенҳои беэътибор – 1 адад.

Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои
педагогӣ, профессор: Иззатова М.И.

Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Қурбонова У.Т.

05.03.2025

ҶМ